ТАҚРИЗИ

роҳбари илмӣ, доктори илмҳои педагогӣ, профессор, сармутахассиси шуъбаи педагогика ва методикаи таълими Академияи таҳсилоти Тоҷикистон Неъматов Саъдуллоҷон Эргашевич ба диссертатсияи Азизов Муллобобо Ҷомеъиддинович дар мавзуи «Асосҳои педагогии рушди таҳсилоти фарогир бо ҳадафҳои иҷтимоишавии бачагони дорои имконияташтон маҳдуд дар муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумии Ҷумҳурии Тоҷикистон» барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои педагогӣ аз рӯйи ихтисоси 5.3.9. - Назария ва методикаи ташкили фаъолияти педагогӣ-иҷтимоӣ (педагогикаи иҷтимоӣ).

Мавзуи диссертатсияи унвончӯй Азизов М.Ҷ. дар шароити муосири рушди низоми таҳсилот муҳим арзёбӣ шуда, ба масъалаи таҳсилоти фарогир бо ҳадафҳои иҷтимоишавии бачагони дорои имконияташтон маҳдуд дар муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумии Ҷумҳурии Тоҷикистон бахшида шудааст.

Мусаллам аст, ки таҳсилоти фарогир қисми ҷудонашавандаи сиёсати давлату ҳукумати Тоҷикистон дар соҳаи маориф маҳсуб ёфта, ба таълиму тарбияи кӯдакону бачагони талаботи махсусдошта равона шуда, барои таъмини ҳуқуқи баробар доштан ба таҳсил, иҷтимоишавии кӯдакон ва бачагони носолим, имконияташон маҳдуд ва ноқис ва дорои талаботи махсус (маъюбӣ, камақлӣ, ношунавоӣ, нобиноӣ, мушкилоти гап задан ва инкишофи руҳидошта) роҳи васеъ мекушояд. Дар робита ба ин ғояи муҳим ва гузориши масъала муаллифи рисола вазифа гузоштааст, ки муаммоҳои мавҷуда ва мушкилоти мутобиқшавии кӯдакону бачагони дорои имкониятҳои маҳдуд ба муҳити мактабу ҷомеа, низоми таълиму тарбия бомуваффақият ҳалли худро бояд ёфта бошад.

Дар рисола муайян кардани асосҳои бунёдӣ-методологии рушди таҳсилоти фарогир дар таълим, тарбия ва рушди хонандагони дорои имкониятҳои маҳдуд бо ҳадафҳои иҷтимоишавии онҳо мавриди пажуҳиш қарор дода шгуда, аз ҷумла, тавзеҳ ва шарҳу тафсири вожаҳо,

истилоҳот ва мафҳумоти марбут ба таҳсилоти фарогир дар адабиёти илмии педагогӣ ва психологӣ; баррасии вазъи кунунии рушди низоми таҳсилоти фарогир дар ҷумҳурӣ ва роҳҳои бартараф кардани мушкилот ва муаммоҳои мавҷуда дар таълим, тарбия ва иҷтимоишавии бачагони дорои имконияташон маҳдуд, муқаррар кардани дурнамо ва роҳу равиши рушди босамари низоми таҳсилоти фарогир дар Ҷумҳурии Тоҷикистон таҳқиқу баррасии ҳамаҷонибаи худро ёфтааст.

Масъалаҳои дигари муҳим ва шоистаи таҳқиқ, минҷумла, доираи ҳамгироии таҳсилоти фарогир, таҳқиқи мақом ва рисолати омӯзгору волидон, ҳамкории мактабу оила дар роҳандозӣ ва татбиқи босифати таҳсилоти фарогир ва иҷтимоишавии бачагони дорои имконияташон маҳдуд, санҷиши роҳу равиши самараноки фаъолияти муассисаҳои таълимӣ, омӯзгорон, мутахассисони соҳаи таҳсилоти фарогир дар ҷараёни санҷиш ва озмоиш, коркард ва пешниҳоди роҳҳои такмили таҳсилоти фарогир ва арзёбии натиҷаҳо дар партави Консепсияи таҳсилоти фарогир ва амсоли он дар рисола таҳлили доманадор ва амиқу мушаххас шудааст.

Дар рисола бори нахуст дар илми педагогикаи ватанӣ асосҳои бунёдӣ-методологии таҳсилоти фарогир чун проблемаи педагогӣ, иҷтимоӣ, фарҳангӣ ва ҳуқуқӣ таҳқиқ ва аз таҷрибаву озмоиши педагогӣ гузаронида шуда, тавзеҳ ва шарҳу тафсири вожаҳо, истилоҳот ва мафҳумоти марбут ба таҳсилоти фарогир дар адабиёти илмии педагогӣ ва психологӣ фарохтар ва амиқтар мавриди баррасӣ ва таҳлилу ҷамъбаст қарор гирифтааст.

Унвонҷӯй муваффақ шудааст, ки вазъи кунунии рушди низоми таҳсилоти фарогир дар ҷумҳурӣ ва роҳҳои бартараф кардани мушкилот ва муаммоҳои мавҷударо дар ин самт бо асосҳои илмии бартарафсозии монеаҳо ва сабабҳо мавриди таҳлил ва арзёбӣ қарор дода, роҳандозии ҷиддиро дар фаъолияти мактаби даврони муосир, шуури волидон ва ҷомеа дар таҳкими пояҳои устувори таҳсилоти фарогир ҳамчун рукни

боэътимоди ҷалби бачагони дорои имконияташон маҳдуд.ба раванди иҷтимоишавии фаъол корбаст намудааст.

Дар рисола корбасти ду модели ба ҳам тавъам - таъсиси мактаби фарогир ва синфҳои ресурсӣ (таълими бачагони дорои нуқсонҳо дар синфҳои махсус ҳини дастгирӣ ва пуштибонии педагогҳои соҳибтаҷриба) ҳамчун сарчашмаи боэътимоди таҳаввули ҷалби бачагони дорои имконияташон маҳдуд ба таълим, тарбия ва иҷтимоишавӣ ба миён гузошта шудааст.

Собит карда шуд, ки робитаи пайвастаи омӯзгорону волидон дар роҳандозӣ ва татбиқи босифати таҳсилоти фарогир ҳамчун омили пешбарандаи раванди таҳсилоти фарогир мусоидат мекунад.

Аҳаммияти амалии рисола шоистаи эътироф аст, зеро он дар роҳи ҳаллу фасли муаммоҳо ва мушкилоти мутобиқшавии кӯдакону бачагони дорои имкониятҳои маҳдуд ба таҳсилоти фарогир (муҳити мактабу ҷомеа, қобилияти пайваст шудани онҳо ба марому низоми таълиму тарбия) ҳамчун масъалаи ҳаётан муҳим ва ҳалталаб андешаҳои ҷолиб ва равиши корбастро пешниҳод мекунад.

Натиҷаҳои асосии таҳқиқот дар дастури таълимии “Дурнамо ва масъалаҳои рушди таҳсилоти фарогир дар муассисаҳои таҳсилоти миёна”, дар матбуоти даврии тавсиякардан КОА назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Вазорати маориф ва илми Ҷумҳурии Тоҷикистон, аз ҷумла, Паёми ПРМ ба номи А.Ҷомии Академияи таҳсилоти Тоҷикистон (3 мақола), Паёми КОА-и назди Президенти ҶТ (2 мақола), Паёми Донишгоҳи давлатии Кӯлоб ба номи Абуабдуллоҳи Рӯдакӣ (1 мақола), маводи конфронсҳо (5 мақола) нашр шуда (дар маҷмӯъ – 1 дастури таълимӣ-методӣ ва 11 мақола), аз санҷиши зарурӣ гузаштаанд.

Хулосаҳои муаллифи диссертатсия қобили эътибор ва таваҷҷуҳи махсус буда, нуктаҳои муҳимро дарбар мегиранд. Аз ҷумла:

1. Дар аксари мактабҳо барои таълими бачагони дорои имконияашон маҳдуд шароити мусоид мавҷуд нест.

2. Бобати ҳамкорӣ бо ташкилотҳои ҷамъиятӣ, Маркази нерӯбахшӣ ва мавҷудияти синфхонаҳои захиравӣ ҳочати сухан нест (дар шароити деҳот синфхои захиравӣ барои расонидани ёрии терапевтӣ, омӯзишӣ, истироҳати сенсорӣ, машғулиятҳо бо мутахассисон барои мутобиқшавии бачагони дорои имкониятҳои маҳдуд ба муҳити мактаб ва омӯзгорон комилан вуҷуд надоранд).

3. Таъмини омӯзгорон бо дастурҳои методӣ оид ба таҳсилоти фарогир беҳбудӣ мехоҳад, зеро дар ин самт танҳо баъзе аз омӯзгорон дар китобхонаи шахсӣ ва электронӣ маводҳои зарурро ҷамъ овардаанду истифода мебаранд.

4. Ҳамкории баъзе аз мактабҳои ноҳия бо ташкилоти ҷамъиятии “Нури умед” фақат ба хотири ҷудо кардани аробача барои бачагони маъюб маҳдуд асту он ҳам бо ташаббус ва азамату ҳиммати саховатмандони минтақа амалӣ мегардад.

5. Дар бештари бачагони дорои имконияташон маҳдуд эҳсоси нуқсонҳои ақлӣ-зеҳнӣ (интеллектуалӣ) ба назар мерасад. Гуруҳи дигарро бачагоне ташкил мекунанд, ки норасоиҳои рушди ҷисмонӣ доранд (фалаҷи сутунмуҳра, маслух, ношунаво/камшунаво, нобино ва амсоли он).

Таҳқикоти унвонҷӯй ошкор сохт, ки таълим дар мактабҳои махсуси фарогир ва дар синфҳои анъанавии муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумӣ (дар сурати мавҷуд набудани мактабҳои махсуси фарогир) ҳам барои кӯдакону бачагони солим ва ҳам дорои нуқсонҳои гуногуни ҷисмонӣ, зеҳнӣ, солимӣ аз аҳаммият холӣ нест, зеро таҳсили якҷоя бо хонандагони солим ва пешқадам рағбати бачагони дорои имконияташон маҳдудро, андаке ҳам бошад, ба ҷунбиш медарорад.

Натиҷаҳои таҳқиқоти диссертатсионӣ ва корҳои таҷрибавӣ муҳайё кардани шароитҳои мусоиди таҳсилоти фарогир, корбасти принсипҳои умдаи таҳсилоти фарогир дар Тоҷикистон, кӯмак ва дастгирии омӯзгорон ва волидонро ба маърази пажуҳишҳои минбаъда гузошта, татбиқи ҳадафҳои асосиро дар самти таҳсилоти фарогир ба ми1н

менузорад. Аз ҷумла, таъмини инфрасохтори муҳити таълму тарбия барои кӯдакон ва бачагони дорои эҳтиёҷоти махсус бо дарназардошти имконият ва шароитҳои мусоиди таҳсилоти фарогир; омодасозии мутахассисони соҳаи педагогикаи фарогир, таҳияи воситаҳои махсуси таълимӣ (барномаҳо, китобҳои дарсӣ, воситаҳои айёнӣ, технологияи муосири иртиботӣ-иттилоотӣ).

Муҳаққиқ дар такя ба вазифаҳои дар наздаш гузошта комёб гардида, хулосаҳои асоснок далели он аст, ки унвончӯй ба умқи мавзуъ чуқур фурӯ рафта, рисолаи илмии арзандаро ба муҳокима пешниҳод намудааст.

Автореферати диссертатсия мазмуну муҳтавои асосии рисоларо инъикос менамояд. Мақолаҳои интишоршудаи муаллиф нуктаҳои асосӣ, натиҷаҳо ва хулосаҳои илмии диссертатсияро фаро мегиранд.

Рисоларо барои ба дифоъ пешниҳод кардан ба мақсад мувофиқ медонам.

Роҳбари илмӣ:
доктори илмҳои педагогӣ,
профессори кафедраи забоншиносии умумӣ ва
типологияи муқоисавии Донишгоҳи миллии Тоҷикистон,
профессор **Негматов Садуллоҷон Эргашевич**
20.10.2026 сол

Нишонӣ: 734025. Ҷумҳурии Тоҷикистон, шаҳри Душанбе,
хиёбони Рӯдакӣ, 17.
Тел.: +(992) 372-278415; Моб.: 918506318;
E-mail: snegmasi22@gmail.com

Имзои профессор С.Негматовро тасдиқ мекунам.
Сардори Раёсати кадрҳо ва корҳои махсуси
Донишгоҳи миллии Тоҷикистон Шодихонзода Э.Ш.